03 05 2019

**16 апрел Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо сафари расмӣ озими Федератсияи Россия шуданд.**

Дар Фурудгохи байналмилалии Душанбе Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмонро Раиси Мачлиси миллии Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон, Раиси Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон, Сарвазири Чумхурии Точикистон, Рохбари Дастгохи ичроияи Президенти Чумхурии Точикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.
Дар ин сафар Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмонро вазири корхои хоричӣ, ёрдамчии Президенти Чумхурии Точикистон оид ба масъалахои робитахои хоричӣ, вазирони рушди иктисод ва савдо, молия, кишоварзӣ, маориф ва илм, мехнат, мухочират ва шугли ахолӣ, энергетика ва захирахои об, раиси вилояти Сугд, директори Агентии назорати маводи нашъаовар, президенти Академияи илмхои Чумхурии Точикистон, раиси Кумитаи кор бо чавонон ва варзиш, сардорони хадамоти гумрук ва зиддиинхисорӣ ва дигар шахсони расмӣ хамрохӣ карданд.

**16 апрел маросими истикболи расмии мехмони оликадр, Президенти Чумхурии Точикистон дар фурудгохи “Внуково - 2” - и шахри Москва баргузор гардид.**

Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмонро намояндагони воломакоми Хукумати Федератсияи Россия гарму самимӣ пазироӣ карданд. Барои истикболи шоиста майдони фурудгох бо парчамхои давлатии ду кишвар оро ёфта, ротаи каровули фахрии чузъу томхои куввахои мусаллахи гарнизони Москва ва оркестри низомии асбобхои нафасӣ саф ороста буданд. Баъди гузориши фармондехи ротаи каровули фахрӣ ба мехмони оликадр дар хамин чо сурудхои миллии ду давлат навохта шуданд.

Маросими истикболи расмӣ бо гузаштани Президенти Чумхурии Точикистон аз назди ротаи фахрӣ ва эхтиром ба ливои ротаи фахрӣ, гузашти тантанавии каровули фахрии чузъу томхои куввахои мусаллах аз назди мехмони олимаком ба поён расид.